**Тақриз**

**ба автореферати Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти "биступпанчҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)». -Душанбе, 2022.**

Барои татбиқи барномаҳои бузург, ҳадафҳоии стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранок истифода бурдани замин ва идоракунии ин раванд таҷрибаи биступанҷҳазориён ва сарпарастони солҳои 30-юми асри XX, ки он замон тавонистанд дар иқтисодиёти Тоҷикистон инқилоб ба амал оранд, метавонад муфид бошад.

Дар таърихи замони шуравии Тоҷикистон ҷои намоёнро "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст - отрядҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти пуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезонидани тараққиёти колхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

Мубрамияти мавзуъ дар он низ зоҳир мегардад, ки дар омӯзиши таърихи замони шуравии Тоҷикистон ҷои намоёнро "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст - отрядҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ин мавзуъ то ҳол аз ҷониби таърихшиносон ба таври комил мавриди омӯзиш карор нагирифтааст. Масъалаҳои марбут ба фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, ки дар адабиёти илмӣ инъикос ёфтаанд, бо мушкилоти саноаткунонӣ, тағйироти кишоварзӣ ва тарбияи кадрҳои миллии Тоҷикистон алоқамандии зич доранд. Дар ҷумҳурии мо ин ихтиёриён кори самаранокро барои расонидани кӯмаки бародарона ба тоҷикон дар шароити душвортарини давраи гузариш оғоз карданд.

Рисолаи мазкури диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Мақсади таҳқиқот инъикоси илмии раванди ба Тоҷикистон омадани "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст, саҳми онҳо дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон мебошад.

Объекти таҳқиқот фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар ҷараёни сохтмони иншоотҳои саноативу

маишӣ, сохтмони колхозӣ, обёрикунонии маҳалҳои кишвар мебошад.

Дар пешгуфтори рисола мубрам будани мавзуи таҳқиқот баён шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, заминаҳои методологии таҳқиқот,навоварии илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ва сохтори диссертатсия муайян гардидаанд.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодкорӣ дар ҳама бахшҳои рисолаи илмӣ ба назар мерасад.Хулосаҳои муаллиф дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия ҷолиби диққат ва шоёни таҳсин аст.Рисола аз ҷиҳати усулҳои илмӣ, мантиқӣ, услубӣ ва имлоӣ ба талаботи лозима ҷавобгӯ мебошад.

Боби аввали диссертатсия аз се зербоб иборат буда, дар зербоби аввал доир ба Қарори пленуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумироссиягӣ (болшевикӣ) аз моҳи ноябри соли 1929 оиди фиристонидани биступанҷҳазориён - коргарони дорои таҷрибаи кофии ташкилотчигӣ ва сиёсӣ ба деҳот барои кор дар колхозҳо, аз ҷумла ба Тоҷикистон маълумотҳои саҳеҳ оварда шудааст.Зербоби дуюм роҷеъ ба саҳми "биступанҷҳазориён" дар рушди саноати Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар зербоби сеюм ёрии "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди совхозҳо ва колхозҳо, душвориҳо дар ин самт нишон дода шудааст.

Дар боби дуюм, ки аз ду зербоб иборат аст, дар зербоби аввал дар бораи иштироки "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар азхудкунии водии Вахш, аз ҷумла раванди омадани коргарон, муҳандисон ва мутахассисони шаҳрҳои Москва, Ленинград, Тошканд ва ғайраҳо маълумот дода шудааст. Дар зербоби дуюм бошад унвонҷӯ саҳми "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпарастро дар сохтмони дигар иншооти обёрикунандаи Тоҷикистонро ҷой дода аст.

Дар охир муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон мусбӣ ба шумор рафта, маълумоти дар диссертатсия овардашуда барои равшан намудани бисёр масоили номаълум ва баҳсталаби ин давра нақши арзандаи илмӣ мебозад. Арзишмандии ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки маълумотҳои дар он инъикосгардида

мушоҳидаҳои бевоситаи иштирокчиёни ин давраи таърихӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки кори илмӣ анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Мирзоев Ғ.Ш., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02–таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Дотсенти кафедраи таърихи халқи**
**тоҷики Муассисаи давлатии таълимии**
**“Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”,**
**номзади илмҳои таърих** **Боқиев Рузибек Усмонович**

**“Имзои н.и.т., дотсент Боқиев Р.У.-ро тасдиқ мекунам”**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”** **Амиров Ф.**

27.02.23

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj